# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ, Гурезов Сироҷиддин Изатуллоевич, ба диссертатсияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод шудааст**

**Аҳамият ва зарурати тадқиқот** бо он асоснок карда мешавад, ки дар шароити кунунӣ сармояи инсонӣ омили муҳимтарини рушди иқтисодӣ, таъмини рақобатпазирии иқтисодиётии миллӣ, ҷорӣ намудани навгониҳои илмӣ дар раванди истеҳсолот ва татбиқи ҳадафҳои дарозмуддати стратегии кишвар ба ҳисоб меравад. Агарчӣ солҳои охир Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ ҷораҳои зиёд андешидааст, вале то ҳол ба сатҳу сифати зарурии бозтавлиди он ноил нагардидааст. Аз ҷумла, чуноне ки муаллиф тадқиқоти илмӣ қайд менамояд, ҳалли ин масъала такмил додани системаи тайёр кардани мутахассисонро дар асоси зиёд кардани маблағгузорӣ барои ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ бо назардошти такмили системаи маориф талаб мекунад, ки ин ба баланд шудани сифати захираҳои мехнатӣ мусоидат мекунад. Дар ин марҳалаи ислоҳоти иқтисодӣ масоили таҷдиди низоми маориф ва мутобиқсозии он ба талаботи иқтисоди муосир барои ташаккули сармояи инсонии босифат, ки қодир ба таъмини рушди равандҳои инноватсионӣ мебошад, махсусан муҳим дониста мешавад.

Яке аз самтҳои муҳими ташаккул ва инкишофи сармояи инсонӣ дар шароити кунунӣ таъмини тавонмандиҳои инноватсионии он дониста мешавад. Дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона ташаккули тавонмандиҳои инноватсионии сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба

инкишофи муҳити институтсионалии бозтавлиди он аз вазифаҳои муҳим дар самти тадқиқотҳои назаривӣ ва методологии илмӣ дониста мешавад. Дар кори диссертатсионии А.М. Одинаев маҳз роҳу услуҳои такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ чун ҳадафи асосии тадқиқот муайян шудааст, ки аҳамият ва зарурати онро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии муқаррароти илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор диссертатсионӣ баёнгардида.**

Муқаррарот ва хулосаҳои асосии дар кор диссертатсионӣ мураттабгардида, инчунин тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда, ба пойгоҳи васеи таҷрибавӣ такия мекунад ва ба истифодаи маҷмуи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси таҳқиқот анҷом шудааст. Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ мебошад: пас аз гузоштани ҳадафҳо ва вазифаҳои тадқиқот, таҳлили назариявӣ ва эмпирикии имкониятҳои ҳалли онҳо гузаронида шуда, дар асоси он тавсияҳои мушаххас таҳия карда шудаанд.

Ҷанбаҳои назариявии таҳияшудаи ҳалли масъалаҳои гузошташуда нуқтаи назари асоснокшудаи муаллифро дар бораи принсипҳои такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ, исботи зарурат ба ҳамоҳангсозии низоми маориф ва бозори меҳнат ҳамчун асоси самаранокии танзими равандҳои бозтавлиди сармояи инсониро дар бар мегирад. Истифодаи усулҳои гуногуни таҳлилӣ ба муҳаққиқ имкон дод, ки як қатор мушкилотро муайян кунад ва самтҳои оқилонаи ҳаллу фасли онҳоро пешниҳод намояд. Дар натиҷа ҷиҳати такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ тавсияҳо таҳия гардида, воситаҳои танзими институтсионалии раванди мазкур пешниҳод карда шуданд. Ҳамаи ин аз сатҳи баланди эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои амалии татдқиқоти илмии мазкур дарак медиҳад.

**Нововарии илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада.**

Сатҳи зарурии эътимоднокии натиҷаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда тавассути истифодаи дурусти усулҳои иқтисодӣ ва риёзӣ ва дастгоҳи назариявӣ ва методӣ дар асоси принсипҳои муносибати системавӣ ба даст оварда шудааст. Ин эътимоднокии зарурии хулосаҳои назариявии ба дастомада ва тавсияҳои амалиї дар асоси натиҷаҳои тадқиқот таҳияшударо таъмин намудааст. Дар вақти гузарондани тадқиқот аз манобеи васеи маълумотҳои тачрибавӣ истифода шудааст, маҷмуи зарурии усулҳои тадқиқоти иктисодӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки бо равиши системавии омузиши мушкилоти мавҷуд дар самти тадқиқоти илмӣ муттаҳид карда шудаанд. Дар марҳалаҳои гуногуни кор усулҳои илмии тадқиқот ба монанди усули системавӣ, риёзиву иқтисодӣ, графикӣ, моделсозӣ, идуксия, дедуксия, қиёс, синтез усули ҷамъбандии оморӣ ва ғайра ба таври самаранок истифода шуданд.

Нововарии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, ки саҳми шахсии муаллифро дар таҳияи мавзӯи интихобшуда мустақиман инъикос мекунад, дар муқаррароти зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шудааст:

- хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари назариявӣ асоснок шуда, он чун натиҷаи инкишофи сифатӣ ва миқдории захираҳои меҳнатии кишвар таъриф шудааст, ки имкони таъсири омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди ташаккулёбии он бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат дар ин раванд фароҳам меорад. Аз ҷониби дигар дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати он ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ таъкид шудааст;

- сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он - тавонмандииии инноватсионӣ – таъриф шудааст, ки аз дигар унсурҳои таркибии он (маълумот, саломатӣ, ахлоқ, сахткушӣ, таҳаммулпазирӣ, ҳаракатпазирӣ ва ғ.) таъсирпазир мебошад ва ба

зарурати сармоягузориҳои ҳадафманд ҷиҳати бештар намудани ин таъсир таъкид мекунад;

- ҷанбаҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ пешниҳод шудааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар ростои омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ва эҷоди системаи ҳавасмандгардонӣ барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии ҳомилини сармояи инсонӣ ифода мекунад;

- ташаккули сармояи инсонӣ дар муҳити институтсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти "фирори мағзҳо" таҳлил ва омилҳои асосии он дастабандӣ шудаанд, ки сабаб ва натиҷи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва мавонеъи мавҷуд дар ин самт, шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани "фирори мағзҳо" ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар, таъриф шудааст;

- самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин муайян карда шуданд. Дар ин замина амсилаи муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсонӣ дар сатҳи ширкатҳои ватанӣ кор карда баромада шудааст, ки ба назар гирифтани натоиҷи он ҷиҳати таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат хоҳад кард;

- чорабиниҳои танзими давлатӣ ҷиҳати истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди "фирори мағзҳо", истифодаи бештар аз самараи синергетикии "гардиши

мағзҳо” ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар пешниҳод карда шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада ва татбиқи маводи истифодашуда бо мувофиқати онҳо ба мӯҳтавои асарҳои аслии илмии чопшуда, санҷиш ва тасдиқи натиҷаҳои ин таҳқиқот дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ собит карда мешавад.

Ба натиҷаҳои таҳлили таҷрибавӣ ва ҳисобҳои иқтисодӣ ва оморие, ки дар асоси маҷмӯи маълумоти оморӣ оид ба объекти таҳқиқот дар давраи солҳои 2018-2023 гузаронида шудаанд, шак нест.

Автореферат ва мақолаҳои илмии чопшудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуни асосии диссертатсияро пурра инъикос мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф дар натиҷаҳои бадастомада.**

Кори илмии тақризшаванда саҳми шахсии довталабро дар бар мегирад, ки бо навовариҳои илмӣ ва дараҷаи инъикоси мушкилоти такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ муайян карда шудааст. Муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, расонидани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмили механизми ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти навоварона имконпазир мегардонад - ҳамаи ин саҳми шахсии доаталаби дараҷаи илмӣ мебошад. Аз ҷониби муаллиф натиҷаҳои мушаххаси зерин ба даст омадааст, ки саҳми шахсии ӯро муайян менамояд:

- ҷамъбандии мафҳуми сармояи инсонӣ аз дидгоҳи нав, ки аҳамияти унсури тавонмандии инноватсиониро дар таркиби унсурҳои дигари сармояи инсонӣ баровардашуда аз сиёсати ҳадафмандонаи сармоягузории давлатии ташаккули муҳити инноватсионии бозтавлид ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ, таъриф менамояд (саҳ. 16-36);

модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ, ки алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллӣ ифода мекунад (саҳ. 36-54);

- модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд (саҳ. 55-95);

- муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад (саҳ.95-115);

- маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати танзими оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиши раванди "фирори мағзҳо", ки ҷиҳати таваҷҷуҳи бештар намудан ба густариши ҷараёни "гардиши мағзҳо" ва дар заминаи он мусоидат намудан ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар кишвар, таъкид менамояд (саҳ. 116-161).

**Сохтор ва мазмуни диссертатсия.** Сохтори диссертатсия мантиқан масоили назариявӣ, методӣ ва амалии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсиониро инъикос менамояд. Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи кори диссертатсионӣ ба забони фасеҳи илмӣ мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот

аз рӯйи мавзуи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ботафсил баён шудааст.

Боби аввали диссертатсия «Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ» номида шудааст, ки дар он асосҳои консептуалии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ тавсиф шуда, принсипҳо ва механизмҳои асосии ташаккулёбии сармояи инсонӣ дар шароити мазкур тадқиқ шудаанд, инчунин, омилҳои муассир ба рушди институтҳои ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ шарҳ дода шудаанд. Дар ин қисмат хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ аз нуқтаи назари назариявӣ асоснок карда шудааст, сармояи инсонӣ бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он - тавонмандииии инноватсионӣ – таъриф шудааст ва ҷанбаҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ пешниҳод гардидааст, ки нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар самти омода намудани кадрҳои соҳибтахассус ифода мекунад.

Боби дуюм «Вазъи кунунӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» унвон гирифтааст, ки дар он тамоюли рушди таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақши муҳоҷирати меҳнатӣ дар рушди сармояи инсонӣ баррасӣ гардидааст ва дар асоси амсилаи риёзӣ таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон анҷом дода шудааст.

Муаллиф кушиш намудааст, ки самтҳои муҳимми рушди сармояи инсониро дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф асоснок намояд. Ҳамчунин, бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин таҳлилҳои илмӣ анҷом дода шудааст. Дар ин замина амсилаи муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсонӣ дар сатҳи

ширкатҳои ватанӣ кор карда баромада шудааст, ки ба назар гирифтани натоиҷи он ҷиҳати таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат хоҳад кард.

Боби сеюми кори диссертатсионӣ «Самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номида мешавад ва он амсилаи консептуалии ташаккулёбии арзиши стратегии сармояи инсониро дар бар мегирад. Дар идомаи ин боб рушди сармояи инсонӣ дар асоси такмили ҳамкории мутақобилаи давлат, бозори меҳнат ва низоми маориф тадқиқ ва усулҳои танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиш додани ҷараёни“фирори мағзҳо” баррасӣ гардидааст. Муаллиф бештар ба коркарди чорабиниҳои танзими давлатӣ ҷиҳати истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди “фирори мағзҳо”, истифодаи бештар аз самараи синергетикии “гардиши мағзҳо” ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар аҳамият додааст.

Дар хулосаи кори диссертатсионӣ пешниҳоду тавсияҳои муаллиф ҷиҳати дар амал татбиқ намудани роҳу усулҳои такмили механизми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ оварда шудаанд.

**Аҳамияти илмиву амалии диссертатсия**

Дар кори диссертатсионии А.М. Одинаев як қатор муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳо оварда шудаанд, ки бо навгонии илмӣ хос буда, аҳамияти амалӣ низ доранд. Аҳамияти назариявии натичаҳои тадқиқотро инкишофи назарияи бозтавлиди сармояи инсонӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ муайян менамояд. Коркарди принсипҳои асосии бозтавлиди сармояи инсонӣ, муайян намудани хусусиятҳои идоракунии он дар шароити ҷаҳонишавӣ бо таваҷҷуҳ ба тезу тунд гардидани мушкилоти фирори мағзҳо, пешниҳоди муҳити ниҳодии бозтавлиди сармояи инсонӣ - аз муҳимтарин натиҷаҳои

илмии тадқиқоти А.М. Одинаев ба шумор меравандд. Муқарраротиалоҳидаи натоиҷи тадқиқот асосҳои назариявии иқтисодиёт меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд.

Аҳамияти амалии тадқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки натичаҳои ба дастомадаро вазорату кумитаҳои дахлдор ҳангоми коркард ва татбиқи статегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он метавонанд истифода намоянд. Инчунин ҳангоми хондани курсҳои «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисодиёти меҳнат», «Танзими бозори меҳнат» ва "Менеҷменти инноватсионӣ" аз кори диссертатсионии мазкур истифода бурдан мумкин аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатияи Одинаев Аслам Мадгиёевич дар мавзуи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (*дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон*) ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисоси кормандони илмии (илмҳои иқтисодӣ) КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи

хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

***Тадқиқоти илмии А.М. Одинаевро ба таври мусбӣ баҳо дода истода, камбудию норасоихои зеринро кайд кардан лозим аст.***

1. Мутаассифона, чӣ дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ ва чӣ дар қисмати амалии он, мушкилоти таҳсилоти томактабӣ, умумӣ ва касбӣ аз назари муаллиф канор мондаанд. Ҳоло он, ки ин зинаҳои таҳсилот ба сифати зинаҳои появии инкишофи сармояи инсонӣ шинохта шудаанд.

2.Дар кори диссертатсионӣ таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти такмили муҳити ниҳодии бозтавлиди сармояи инсонӣ ба таври кофӣ шарҳу тафсил дода нашудааст.

3.Муаллиф оид ба мушкилоти пешгирии муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Тоҷикистон, коҳиш додани таъсири манфии он ба раванди ташаккули сармояи инсонӣ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир накардааст.

4. Дар кори диссертатсионӣ камбудию хатоҳо ва иштибоҳоти оморӣ мавчуданд.

Ин мулоҳизаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ баҳои умумии мусбӣ ва аҳамияти назариявию амалии тадқиқоти илмии А.М. Одинаевро зери шубҳа намегузоранд. Онҳо хусусияти сирф машваратӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф дар доираи навиштани мақолаҳо, монографияҳо ё кори докторӣ дар ин мавзӯъро доранд.

**Хулосаи тақризи муқарризи расмӣ**

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки тадқиқоти илмии А.М. Одинаев дар мавзӯи "Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтсиодӣ аз руи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат, пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди назариявӣ ва амалӣ гузаронида шудаст. Дар тадқиқоти илмӣ роҳи ҳалли масъалаи муҳими илмӣ, ки

ҷомеаи моро ба ташвиш овардааст, пешниҳод гардидааст. Таҳқиқот унсурҳои навовариҳои илмиро дар бар мегирад, ки барои соҳаи дахлдори илм, яъне иқтисодиёти меҳнат аҳамияти калон доранд ва ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст. Бо дилпурӣ метавон гуфт, ки Одинаев Аслам Мадгиёевич сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - иқтисодиёти меҳнат, мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**Директори коллеҷи саноат ва хизматрасониҳои иҷтимоии шаҳри Леваканти Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **С.И. Гурезов**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус** **Ш.Н. Ҷӯраев**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Левакант, 735147, кӯчаи Рӯдакӣ 21;
Тел: (+992) 918-20-74-74, E-mail: sirojiddini.i@mail.ru.